# ҚАРОРИ
## шурои диссертатсионии 6D.КОА-020
## назди Донишгоҳи миллии Тоҷикистон

**аз 06.02.2025** **ш. Душанбе**

Суханронии Фатулоҷони Умарзода дар мавзуи «Ҳумоми Табрезӣ ва хусусиятҳои ғоявию бадеии ғазалиёти ӯ» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои филологӣ аз рӯйи ихтисоси 10.01.01 – Адабиёти тоҷик; равобити адабӣ, тақризи муассисаи пешбар – **Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ**, суханронии муқарризони расмӣ – доктори илмҳои филологӣ, профессори кафедраи назария ва таърихи адабиёти Донишгоҳи байналмилалии забонҳои хориҷии Тоҷикистон ба номи Сотим Улуғзода – **Исрофилниё Шарифмурод Раҳимзода**, номзади илмҳои филологӣ, муовини директори Муассисаи давлатии «Хонаи китоби Тоҷикистон»-и Вазорати фарҳанги Ҷумҳурии Тоҷикистон – **Баёнов Маҳмаднабӣ Бачаҷонович**, муқарризони ғайрирасмӣ – докторони илмҳои филологӣ Мисбоҳиддини Нарзиқул, Суфизода Шодимуҳаммад, Низомӣ Муҳриддин, Раҳмонов Равшан ва номзади илмҳои филологӣ Бобомаллаев Илҳомҷонро шунида, баррасӣ карда, шурои диссертатсионӣ дар асоси натиҷаҳои овоздиҳии пинҳонӣ, хулосаи қабулкардаи худ оид ба диссертатсия, дар бораи асолат, арзиш, навоварӣ ва натиҷаҳои бадастовардаи Фатулоҷони Умарзода

## ҚАРОР ҚАБУЛ МЕКУНАД:

1. Диссертатсияи Фатулоҷони Умарзода дар мавзуи «Ҳумоми Табрезӣ ва хусусиятҳои ғоявию бадеии ғазалиёти ӯ» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои филологӣ аз рӯйи ихтисоси 10.01.01 – Адабиёти тоҷик; равобити адабӣ ба талаботи бандҳои 31 ва 33-35-и Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021, № 267 тасдиқ шудааст, комилан мувофиқат мекунад;

2. Маводи илмии чопнамудаи довталаби дараҷаи илмӣ мазмуну мундариҷаи диссертатсияро пурра инъикос менамоянд;

3. Ба Фатулоҷони Умарзода дараҷаи илмии номзади илмҳои филологӣ дода шавад;

4. Барои додани дипломи номзади илмҳои филологӣ ба Фатулоҷони Умарзода аз Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон дархост карда шавад.

Хоҳиш мекунам, ки мавқеи худро нисбат ба ин қарори шурои диссертатсионӣ муайян намуда, овоз диҳед.

Тарафдор – 15 нафар. Муқобил – нест. Бетараф – нест.

Қарор якдилона қабул карда шуд.

Муовини раиси шурои диссертатсионӣ,
доктори илмҳои филологӣ Сафаров У.Р.

Котиби илмии шурои диссертатсионӣ,
номзади илмҳои филологӣ Бобомаллаев И.Ҷ.

06.02.2025.